**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Давлатов Ҳабибулло Сайфуллоевич «Хусусиятҳои эпидемиологии сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ ва оптимизатсияи чорабиниҳои пешгирӣ ва мубориза бо онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – эпидемиология**

Проблемаи сирояти дохилибеморхонагӣ (СДБ) барои нигоҳдории тандурустии тамоми ҷаҳон актуалӣ мебошад, ки ин аз сатҳи баланди беморшавӣ ва фавтият, ҳамчунин зиёни ҷиддии иҷтимоиву иктисодӣ алоқамандӣ дорад. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ СДБ дар 5-20%-и бемориони бистаришуда ба мушоҳида мерасад. Тибқи ҳисобҳои маълумотҳои омории расмӣ СДБ аз маълумотҳои воқеӣ 40-50 маротиба камтар аст. Ҳамроҳ шудани СДБ ба бемории асосӣ ддавомнокии бистаришавии беморро дар беморхона то 6-8 рӯз зиёд мекунад.

Дар амалияи фаъолияти ҳамарӯзаи ҷарроҳи статсионар оҳиста ворид кардани назорати эпидемиологии СДБ, тамоюлҳои муосири рушди протсесси табобатӣ-ташхисӣ ва ҳолати демографии ҶТ, вазъияти мураккаби иҷтимоиву иқтисодии нигоҳдории тандурустии кишвар имконият намедиҳанд, ки дар рӯзҳои наздик беморшавии СДБ кам карда шавад. Илова бар ин, дар ин шароит профилактикаи онҳо ба проблемаҳои муҳимтарини умумитиббӣ ва давлатӣ дохил мешавад. Рушди муосири илмҳои тиб ва корҳои беморхонагӣ роҳҳои нави ҳаллу фасли ташкилии проблемаи профилактикаи СДБ, ҷустуҷӯйи роҳҳо ва имкониятҳои оптимизатсияи онро тақозо мекунад.

Мубрамият ва аҳамияти СДБ, миқёси давлатиро касб кардани проблема коркарди барномаҳои махсусро талаб мекунад, ки бояд комплекси чорабиниҳои профилактикаи онҳо мадди назар гирифта шавад, махсусан дар муассисаҳои ҷарроҳӣ, ба баъзе аз онҳо на камтар аз 50%-и СДБ рост меояд.

Гуфтаҳои боло мубрамии таҳқиқоти илмии Ҳ.С. Давлатовро муайян мекунанд, ки мақсади он аз ошкор намудани хусусиятҳои эпидемиологии пайдошавии сироятҳои дохилибеморхонавӣ дар беморони осебдида бо таҳияи тавсияҳо оид ба такмили чораҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемориҳои мазкур иборат аст.

Диссертатсия дар 149 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, шарҳу тафсири адабиёт, мавод ва методҳои таҳқиқот, 3 боби таҳқиқоти худи муаллиф, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар диссертатсия 18 ҷадвал ва 6 расм мавҷуд буда, феҳристи адабиёт 206 номгӯй, аз ҷумла 129 муаллифони ватанию кишварҳои ИДМ, инчунин 77 муаллифони хориҷиро дар бар мегирад.

***Муқаддима*** актуалӣ ва аҳамияти омӯзиши ҳамаҷонибаи сиркулятстияи микроорганзимҳоро дар статсионарҳои травматологӣ асоснок намуда, моҳияти санитариву бехдоштӣ ва эпидемиологии онҳоро инъикос менамояд ва сатҳу сохтори гирифторшавӣ ба СДБ-ро дар байни беморони травматолог,

ҳамчунин омӯзиши оптимизатсияи комплекси чорабиниҳои профилактикаи мубориза бо СДБ-ро муайян мекунад.

Дар шарҳи адабиёт иттилооти асосиву муосири проблемаи СДБ, ки дар таҳқиқотҳои илмии солҳои охир инъикос ёфтаанд, пурра оварда шудаанд. Муаллиф сарчашмаҳои илмиеро, ки ба таври айёнӣ микёси проблемаи СДБ-ро, ки онҳо ба давлат зиёнҳои ниҳоят бузурги тиббиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мерасонанд.

Феҳристи гурӯҳҳое, ки нисбатан бештар аз инҳо осеб мебинанд, сатҳи гирифторшавӣ ба ин беморӣ ва сабабҳои болоравии он дар кишварҳои гуногуни дунё, сохтори этиологии он оварда шудааст. Ҳангоми спектри васеи микроорганизмҳо, ки аз СДБ пайдо мешаванд, нақши бартаридоштаи баъзе аз онҳо дар ҳар 3-4 сол вобаста аз муҳити атроф, доруҳои истеъмолшаванда, воситаҳои дезинфексионӣ ва экологии микроорганизмҳо, фарҳанги хизматрасонӣ ба беморон, вазъи саломатии кормандони тиббӣ, режими кори статсионарҳои травматологӣ ва ғайра тамоюли тағйирёбӣ дорад. Барои онҳо механизмҳо, роҳҳо ва омилҳои зиёдиинтиқол хос аст.

Дар робита аз ин, муваффақиятҳои мубориза бо СДБ дар ҳама самтҳои фаъолияти муассисаҳои тиббӣ ба эътибор гирифта мешавад.

Диссертант аҳамияти бактерияҳои грамманфӣ, стафилококкҳо ва вирусҳоро дар пайдошавии СДБ махсусан таъкид карда, таваҷҷуҳашро ба набудани коркардҳои натиҷаовари тактикаи кам кардани сиркулятсияи онҳоро дар объектҳои муассисаҳои табобатӣ-профилактикӣ ҷалб мекунад.

*Боби II* мавод, ҳаҷм ва усулҳои таҳқиқотро дар бар мегирад. Диссертант ба сифати объект шуъбаи травматологияи Муассисаи давлатии Маркази ҷумҳуриявии клиникии осебшиносӣ ва ортопедӣ (МД МҶ КОО) роҳандозӣ гардид, ки дар он ҷо танҳо ҷарроҳиҳои нақшавӣ амалӣ мешуд; ҳамчунин дар 3 шуъбаи осебшиносии (шуъбаи осебҳои омехта ва ҷарроҳии фаврӣ, шуъбаи осебшиносии кӯдакона ва шуъбаи дуюми раддодӣ) кафедраи осебшиносӣ ва раддодии ДДТТ дар заминаи Маркази миллии тиббӣ (ММТ), инчунин дар шуъбаи осебшиносии Беморхонаи клиникии №3 шаҳри Душанбе (БКШ №3)-ро интихоб кардааст, ки дар онҷо ҷарроҳиҳои таъҷилӣ ва нақшавӣ гузаронида мешуданд.

Хусусиятҳои эпидемиологии СДБ дар асоси омузиши амиқ ва таҳлили маълумотҳои зиёд, асноди тиббии статсионарҳои травматологӣ бо роҳи таҳлилҳои ретроспективӣ ва оперативӣ дар солҳои 2010-2014 омӯхта шудаанд. Нопуррагии бақайдгирии СДБ-ро ба эътибор гирифта, диссертант дар пажӯҳиши худ системаи фаъолона ошкор намудани онҳоро дар заминаи меъёрҳои таҳияшуда истифода кардааст: ҳангоми баланд будани ҳарорати бадани бемор, фасоди ҷароҳати ҷарроҳӣ, ҳангоми шифо ёфтани кӯкҳои ҷарроҳӣ бо тарангкунии такрорӣ, истифодаи антибиотикҳо ҳангоми табобати беморон, гузаронидани протседураҳои физиотерапевтӣ ва ғ.

Дар шуъбаҳои осебшиносӣ 360 намунаи ҳаво, 3800 шустаҳо аз сатҳи объектҳои гуногуни муҳити беморхона, намунаҳои тарашшуҳоти ҷароҳат аз 492 нафар беморони гирифтори сироятҳои фасодию уфунӣ, 960 андудаҳо аз

луоби бинӣ ва даҳон, 480 шустаҳои панҷаҳои дастҳо гирифта шуданд.

Дар ҷараёни таҳқиқот беш аз 600 парвардаи микроорганизмҳо ошкор ва ҳаммонанд карда шуданд. Аз парвардаҳои ҷудошуда беш аз 6000 таҳқиқоти микробиологӣ роҳандозӣ гардид. Ҳамаи барангезандаҳои ҷудошуда барои тасдиқи фарзияи вогиршиносӣ то сатҳи навъҳо ҳаммонанд карда шуданд.

Барои пажӯҳиши ҳассосияти барангезандаҳо методи диско-диффузивӣ бо корбурди на камтар аз ду косачаи муҳит барои муайянкунии ҳассосият истифода гардид.

Барои анҷом додани пажӯҳишҳо оид ба муайянкунии хасорати молиявӣ аз СДБ дар беморхонаҳои таҳқикшаванда ду гурӯҳи беморон -таҷрибавӣ ва назоратӣ ташкил дода шуданд. Ба гурӯҳи таҷрибавӣ беморони дорои сироятҳои фасодию уфунӣ (СФУ) ва ба гурӯҳи назоратӣ беморони бидуни СФУ шомил карда шуданд.

Дар маҷмӯъ, дар таҳқиқот барои пажӯҳишҳои санитарӣ-гигиенӣ, эпидемиологӣ, микробиологӣ, оморӣ ва иқтисодӣ аз усулҳои маъмулӣ истифода шудааст.

*Боби III* ба омӯзиши сиркулятсияи микроорганизмҳо дар муассисаҳои трвматологии ш. Душанбе ва аҳамияти санитарӣ-гигиенӣ ва эпидемиологии онҳо ихтисос дода шудааст.

Муоинаи динамикии сиркулятсияи микроорганизмҳо дар шароити статасионарҳои трвматолог гузаронида шудааast. Аз рӯйи маълумотҳои ба даст овардашуда, сатҳ ва сохтори микроорганизмҳои гардишкунандаро муқаррар, сабабҳо, сарчашмаҳо, роҳҳо ва омилҳои интиқоли барангезандаҳои СДБ дар байни гурӯҳи беморони травматологиро муайян кардааст. Дар ин маврид ҳавои муҳит, объектҳои муҳити беморхонагии шуъбаи травматология, ашёи муроқибати бемор, воситаҳои доругӣ, маҳсулоти таъйиноташон тиббӣ, асбобҳои санитарӣ-техникӣ, ҳамчунин беморон ва кормандони тиббӣ ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Сатҳи баланди ҳомилии барангшезандаи СДБ дар байни кормандони тиббӣ, махсусан дар байни кормандони хурд ва миёнаи тиббӣ ба назар расид.

Ҳаҷми бузурги маводи ҷамъоваришуда, истифодаи усулҳои таҳқикот ва муносибат ба баҳогузории натиҷаҳои ҳосилшударо таъкид кардан лозим аст.

Дар боби *IV* натиҷаҳои муайян кардани сатҳ, сохтор ва сабабҳои ба СДБ гирифторшавии беморони травматологӣ пешниҳод карда шудааст. Диссертант хусусиятҳои эпидемиологии СДБ-ро дар статсионарҳои травматологии таҳқиқшуда омӯхта, зиёни молиявии СДБ-ро дар статсионарҳои травматологӣ муайян кардааст.

Диссертант дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти микробиологӣ муқаррар кардааст, ки дар сохтори этиологии ССБ (сироятҳои сиркулятсионии беморхонагӣ) дар беморони травматологӣ нақши асосиро энтеробактерияҳои грамманфӣ (67,9%) мебозанд, ки асоситаринашон протей (28,6%) қаламчаи кабудфасодӣ (19,8) мебошанд, вазни холиси микрофлораи граммусбат – 21,2% аст.

Муаллиф мукаррар кардааст, ки баландтарин дарачаи сироятшавии дохилибеморхонавии беморони травматологӣ дар БКШ № 3 – 8,0% ва дар ММТ– 6,5% ба қайд гирифта шудааст, ки он бо вижагии фаъолияти онҳо, баргузории ҳам чарроҳиҳои накшавӣ ва ҳам таъчилӣ марбут мебошад. Пойинтарин дарачаи сироятшавии дохилибеморхонавии беморони травматологӣ дар МД МЧКОО - 5,7% ба мушоҳида расидааст, ки дар он чо танҳо чарроҳиҳои накшавӣ гузаронида мешаванд. Дар ҳамаи беморхонаҳои таҳқиқшаванда микдори беморони травматологии гирифтори сироятҳои дохилибеморхонавӣ аз 5,7% то 8,0% -ро ташкил намуд, ки он ба кадри кофӣ набудани корҳои оид ба баргузории тадбирҳои пешгирӣ-зиддиэпидемиологиро нишон медиҳад. Шаклҳои нозологии бештар дучоршавандаи сироятии дохилибеморхонавӣ дар миёни беморони осебшиносӣ инҳо буданд: носурҳои риботӣ (аз 23,4 то 27%); хуномоси фасодор (аз 13,7 то 19,1%); фасодгирии чароҳат (аз 12,6 то 18,5%); металлогранулёма (аз 7,4 то 8,7%); артрити фасоддор (аз2,2 то 4,4%); уфунат (аз 3,8 то 6,0%); остеомиелити баъдиосебӣ (аз 10,5 то 20,3%). Қобили қайд аст, ки бартарии шаклҳои густардашудаи сироятҳо дар беморони осебшиносӣ (23,5 - 33,9%) ба қадри кофӣ набудани кори оид ба бақайдгирӣ ва баҳисобгирии навъҳои мавзеии сироятҳои дохилибеморхонавиро нишон медиҳад. Диссертант хусусиятҳои эпидемиологии СДБ-ро дар статсионарҳои тртавматологӣ мушаххас кардааст. Омилҳои хатари пайдошавии сироятҳои фасодию уфунӣ инҳо мебошанд: намуди чарроҳӣ (таъчилӣ ё накшавӣ), вазнинии бемории асосӣ ва мураккабии чарроҳӣ, таъчилӣ будан ва давомнокии чарроҳӣ, давомнокии будани бемор дар давраҳои қабл аз чарроҳӣ ва баъд аз чарроҳӣ, синну сол ва чинси беморон. Роҳҳои асосии интиқоли сирояти фасодӣ-илтиҳобӣ тамосӣ ва аэрогенӣ ва омилҳои интиқол дастони кормандони тиббӣ, асбобҳо ва дастгоҳҳои тиббӣ, ашёҳои мурокибати бемор ба ҳисоб мераванд.

Дар асоси маълумотҳои чамъоварӣ кардаи худи диссертант зиёни умумии молиявӣ аз СДБ дар беморхонаҳои травматологӣ таҳлил карда шудааст.

*Боби V.* Ин боби рисола, дар гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ маъмул аст, ба такмилдиҳии комплекси тадбирҳои пешгирӣ ва зиддиэпидемиологӣ оид ба ва пешгирӣ ва мубориза бо СДБ дар беморхонаҳои травматологӣ, асоснок кардани тавсияҳо чиҳати профилактика ва мубориза бар зидди механизмҳои сершумор ва гуногуни интиқоли барангезандаи СДБ дар муассисаҳои таҳқиқшаванда бахшида шудааст.

Муаллифи диссертатсия ба хулосае меояд, ки истифодаи комплекси чорабиниҳо дар статсионарҳои таҳқиқшуда чиҳати профилактики СДБ имконият доданд, ки БФС (бемориҳои фасодӣ илтиҳобӣ) дар муассисаҳои таҳқиқшаванда аз 8,0% то 4,8% кам карда шавад.

Диссертант муносибатҳои нави такмил додани системаи гузаронидани тадбирҳои пешгирӣ ва зиддиэпидемиологӣ оид ба пешгирӣ ва мубориза бо СДБ дар беморхонаҳои травматологиро пешниҳод намудааст.

Тадбирҳои пешгирӣ ва зиддиэпидемиологӣ оид ба пешгирӣ ва мубориза бо СДБ дар беморхонаҳои травматологӣ таҳия шудааст бахшида шудааст.

Чорабиниҳои ба камкунии шиддати протсесси эпидемикии СДБ дар беморхонаҳои травматологӣ нигаронидашуда ба таври муфассал тавсиф шудааст.

*Дар хулоса* диссертант маълумотҳои илмии пешниҳодшударо ҷамъбаст намуда, баҳогузории ниҳоии санитарӣ-гигиении омилҳои бавуҷудоварандаи сиркулятсияро дар статсионарҳои травматологӣ ки дар таркибаш барангезандаҳои сершумори СДБ-ро дорад, таъкид кардааст. Самаранокии таъсири доруҳо, микроорганизмҳои ба антибиотикҳо ҳассос таҳқик шудааст. Антибиотикҳои интихобшаванда муайян карда шудаанд. Зиёни молиявии СДБ муайян карда шуд. Сабабҳо ва шарти фаъолнокшавии протсесси эпидемикӣ дар шуъбаҳои таҳқиқшуда муайян карда шуд, оид ба мубориза бар зиддиСДБ ва профилактикаи он дар беморхонаҳои травматологӣ пешниҳод карда шудааст. Хулосаҳо пурра асоснок карда шудаанд, натиҷаҳои ба даст овардашуда мантиқан аз натиҷаҳои ҳосилшуда бармеоянд.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот.*** Нахустин бор дар Тоҷикистон сохтори муосири барангезандаҳое муайян гардидааст, ки ба пайдошавии сироятҳои дохилибеморхонавӣ (СДБ) дар миёни беморони осебдида дар беморхонаҳои осебшиносӣ ва робитаи он бо давргардии микроорганизмҳо дар муҳити беморхона бо ошкорсозии сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии онҳо вобаста мебошад. Микрофлори грам-манфӣ дар сохтори этиологии сироятҳои нозокомиалӣ дар беморони осеби равон мавқеи пешрафтаро ишғол мекунад. Бори аввал гирифторшавӣ ба беморӣ ва сохтори СДБ дар беморхонаҳо муайян карда шуд. Хусусияти зуҳуроти клиникии сироятҳои нозокомиалӣ дар беморони осеби равонӣ оварда шудаанд. Хусусиятҳои эпидемиологии СДБ дар беморхонаҳои травматологӣ ошкор гардидааст, ки ба муомилоти микроорганизмҳо дар беморхонаҳои осеби марбут муайян карда шудаанд. Омилҳои хавф барои пайдоиши сироятҳои нозокомиалӣ дар муассисаҳои травматологӣ, ки бо такмили чораҳои пешгирикунанда алоқаманд нестанд, муайян карда шуданд.

Дар пажӯҳиш бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон далелҳои зарари молиявӣ, иқтисодию иҷтимоӣ дар натиҷаи як ҳолати уфунати бемористонӣ дар статсионарҳои травматологӣ пешниҳод мешавад, ки маблаға 500 доллари амрикоиро ташкил мекунад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Дар натиҷаи гузаронидни таҳкикоти эпидемиологӣ диссернтант муқаррар намудаст, ки сиркулятсияи густурдаи микроорганизмҳои шартӣ-патогенӣ дар муассисаҳои травматологӣ дар бораи вайронкуниҳои кушоду равшани реҷаи зиддиэпидемиологӣ ва камбудиҳо дар ташкил ва баргузории тадбирҳои бесироятгардонӣ ва зиддиуфунисозӣ шаҳодат медиҳад.

Сатҳи беморшавӣ, сохтор ва хусусиятҳои эпидемиологии уфунатҳои бемористонӣ дар беморхонаҳои осебӣ ифшо карда мешаванд.

Омилҳои хатари пайдошавии СДБ дар беморхонаҳои осебшиносӣ: вазниншавии бемории асосӣ, таъҷилӣ ва давомнок будани баргузории

ҷарроҳиҳо, муҳлатҳои бистарӣ будани беморон қабл ва баъд аз ҷарроҳӣ дар беморхона, басомади зиёди СДБ даркӯдакони бемори то 2-сола ва аз 60-сола боло ба ҳисоб меравянд.

Зиёни молиявие, ки СДБ мерасонад, барои буҷети ММП ва хешовандони беморон бори гарон мебошад.

Системаи тадбирҳои равонашуда ба баргузории комплекси чорабиниҳои беҳдоштию зиддиэпидемиологӣ, беҳсозии сифати расонидани ёрии тиббӣ дар беморхонаҳои осебшиносӣ ва коҳиш додани хасорати иқтисодӣ аз СДБ муносиб гардонида шудааст.

Пажӯҳишҳои баргузоршуда имкон дод, ки тавсияҳои дастурамали методӣ оид ба "Пешгирии сироятҳои нозокомиалӣ дар беморхонаҳои осебшиносӣ" (№ 2 Шӯрои табъу нашри Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.12.соли 2019) ва пешниҳодҳои ихтироъкорӣ оид ба тасвиб ва татбиқи бесирояткунандаҳо ва маводи зиддиуфунии нав дар беморхонаҳои соҳаи осебшиносӣ таҳия карда шавад (№ 3613/R664 аз 15.02.соли 2018; № 3621/R672 аз 15.02.соли 2018).

Муаллифи диссертатсия оид ба мавзӯъҳои рисолаи 26 адад таълифоти илмӣ нашр шудааст, ки аз он ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба чоп расидаанд, 2 пешниҳоди ихтироъкорӣ ва як дастурамали методӣ мавҷуданд.

Маводи нашркардаи муаллифи рисола тамоми нуқтаҳои асосии рисолаи илмиро инъикос мекунанд.

Диссертатсия бо забонифасеҳи адабӣ ва далелнокии боэътимод таълиф гаштааст.

Ҳангоми таҳлили маводи диссертатсия якчанд савол пайдо шуд, ки ба муаллиф пешниҳод мекунем:

1. Оё методологияи ҳисоби зиёни иқтисодӣ аз СДБ барои дигар сироятҳо низ кобили қабул ҳаст?
2. Сохтори этиологии СФИ дар статсионарҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чӣ вобаста аст?

## Хулоса

Диссертатсияи Давлатов Ҳабибулло Сайфуллоевич «Хусусиятҳои эпидемиологии сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ ва оптимизатсияи чорабиниҳои пешгирӣ ва мубориза бо онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб таҳқиқоти илмӣ-квалификатсионӣ аст, ки дар он дар асоси таҳқиқоти аз тарафи диссертант анҷомдодашуда проблемаи такмили чорабиниҳои профилактикии СДБ дар статсионарҳои травматологии Ҷумхури Тоҷикистон ҳаллу фасл карда шудааст, таҳқикот барои хоҷагии халқ аҳамияти бузург дорад ва дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳми арзанда мегузорад.

Диссертатсияи Давлатов Ҳабибулло Сайфуллоевич ба талаботи фасли 10, банди 163-и «Низомнома дар бораи тартиби додани унвони илмӣ» КОА назди Президенти ҶТ аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 қарори Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон, ки аз диссертатсияҳои барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – эпидемиология талаб карда мешавад, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори сарфароз шудан ба ин унвони илмӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Мудири кафедраи эпидемиология,**
**Беҳдошт ва ҳифзи муҳити зисти**
**МТД «Донишкадаи таҳсилоти**
**баъдидипломии соҳаи тандурустии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон»,**
**номзади илмҳои тиб** **Мирзоев А.С.**

ПОДПИСЬ Мирзоев А.С.
ЗАВЕРЯЮ
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ
« 03 » 12 2020